**ПРОТОКОЛИ № 37.1**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 28 июни соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024, № 403/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз гардад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи "Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

**Баромад намуданд:** муовини раиси шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Ризозода Т.Р., котиби илмии шурои диссертатсионӣ – н.и.и., дотсент Назаров Х.С. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор Исмоилов М.М., д.и.и., профессор Газибеков С.А.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи "Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2.Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад:

- **Бобоҷониён Д.Д.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;
- **Бойматов А.А.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;
- **Раҳимов А.М.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

**Котиби илмии шуро, н.и.и., дотсент** **Назаров Х.С.**